# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст. ш. Душанбе, соли 2025.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои хуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №16/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ**. Масъалаҳои танзими асъор дар низоми ҳуқуқӣ мавқеи калидӣ доранд, зеро онҳо маҷмуи мураккаб ва бисёрсатҳаи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ аз он иборат аст, дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳум ва моҳияти сарватҳои асъорӣ оид ба муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ дар сатҳи монография ё рисолаҳо, инчунин масъалаҳои асосҳои ва омилҳои муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ, амалан ягон тадқиқот гузаронида нашудааст.

Муносибатҳои ҳуқуқии асъор доираи васеи ҳамкориҳоро фаро мегиранд, аз ҷумла амалиёт байни субъектҳои соҳибкорӣ, инчунин муомилоти шахсони воқеӣ, ки ба воридот ва содироти асъори хориҷӣ, идоракунии сарватҳои асъорӣ дар дохили кишвар алоқаманданд. Илова бар ин, сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ки назорати муомилоти асъорро амалӣ мекунанд, дар ин соҳа нақши муҳим доранд, ки аҳаммияти хоси ин мавзуъро таъкид мекунад. Ҷанбаи ҳуқуқи мадании муносибатҳои асъорӣ дар танзими амалиёти молумулкӣ байни субъектҳои иқтисодӣ зоҳир мегардад. Чунин муносибатҳо соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории арзишҳои асъориро, инчунин ҳолатҳои муомилоти пули миллӣ ва коғазҳои қиматноки давлатиро дар бар мегиранд. Аз нуқтаи назари тахассуси ҳуқуқӣ, ин муносибатҳо хусусияти молумулкӣ дошта, тибқи қонунгузории маданӣ танзим мешаванд. Дар ин ҷо унсурҳои калидии

танзими асъор “амалиётҳои асъорӣ” ва “муомилоти асъорӣ” мебошанд, ки дар онҳо ҳам резидентҳо ва ҳам ғайрирезидентҳо иштирок мекунанд.

Зарурияти тадқиқоти диссертатсия бо он шарҳ дода мешавад, ки дар айни замон талаботи аҳолӣ ба амалинамоии муомилоти сарватҳои асъорӣ меафзояд. Махсусан, ин бо афзоиш ва иштироки васеи аҳолӣ дар ин бахш шаҳодад медиҳад.

Ба ақидаи муаллиф “таҳқиқи муносибатҳо оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ саривақтӣ ва муҳим ба назар мерасад, зеро натиҷаҳои он метавонанд ба такмили танзими ҳуқуқии ин соҳа ва баланд бардоштани самаранокии назорати давлатӣ бар амалиётҳои асъорӣ мусоидат менамояд”.

Аз ҷониби муаллиф ба мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таври дурусту комил ишора шудааст. Муаллиф ба таври кофӣ ва қонеъкунанда дар қисмати муқаддимавии кор асоснок будани далелҳои матраҳшуда дар таҳқиқоти мавриди назарро собит намудааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи таҳқиқоти мазкур аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти махсус дорад ва таҳқиқи илмии масъалаҳои такмили қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ дар соҳаи муомилоти сарватҳои асъорӣ мубрамияти худро пурра исбот менамояд. Ин таҳқиқот барои рушд ва таҳкими заминаҳои назариявию амалии ҳуқуқи соҳибкорӣ ва маданӣ дар Ҷумҳурии Точикистон саҳми муҳим хоҳад гузошт ва дар оянда метавонад барои таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба беҳтар намудани қонунгузории соҳибкорӣ ва маданӣ хизмат кунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур аввалин таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омузиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ақидаҳои назариявӣ ва маводҳои амалиро мавриди истифодабарӣ қарор додааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос намудаанд.

Таҳқиқоти илмии мазкур ба муаллиф имкон додааст, ки аз ҷумла чунин нуқтаҳои муҳимро ба ҳимоя пешкаш намояд:

1. Аз нигоҳи муаллиф, асъор воситаи универсалии пардохт аст, ки дар ҳисоббаробаркунӣ ҳангоми хариди мол, иҷрои корҳо, пешниҳоди хидматҳо ва инчунин иҷрои уҳдадориҳо тибқи созишномаҳои қарзӣ истифода мешавад. Танзими муассири ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ дар таъмини устувории пули миллӣ нақши калидӣ дорад.

2. Муомилоти асъорӣ падидаи мураккаби ҳуқуқӣ аст, ки дар низоми танзими асъорӣ мавқеи марказӣ дорад. Ин раванд маҷмуи мураккаби қадамҳои ҳуқуқӣ ва амалиро, ки аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои асъорӣ барои ба даст овардан, табдил ё аз даст додани ҳуқуқ ба захираҳои асъорӣ анҷом дода мешаванд, ифода мекунад. Дар доираи он ҳамкориҳои молиявӣ байни субъектҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ, интиқоли байналмилалии пул ва муомилот бо коғазҳои қиматноки давлатӣ сурат мегиранд.

3. Аз нигоҳи табиати ҳуқуқӣ, асъори рақамӣ дороии сармоягузорӣ аст, ки ба воситаҳои анъанавии асъорӣ монанд аст. Он метавонад берун аз гардиши тиҷоратӣ истифода шавад ва ба субъектҳои хоҷагидор имкон медиҳад, ки онро дар қарздиҳӣ, сармоягузорӣ ва дигар амалиётҳои молиявӣ истифода баранд.

4. Зарур аст, ки мафҳуми “дороҳои асъорӣ” маҳдуд карда шавад, ки танҳо он объектҳоеро дар бар гирад, ки дар кишварҳои хориҷӣ вазифаи пардохтиро иҷро мекунанд. Ин ба асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнок, ки бо асъори хориҷӣ ифода шудаанд, дахл дорад, аммо металҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ки мақоми воситаи байналмилалии пардохтро аз даст додаанд, дар бар намегирад.

5. Унсури асосии механизми танзими асъорӣ чораҳои маҳдудкунанда дар соҳаи амалиёҳои асъорӣ мебошанд, ки ба нигоҳ доштани тавозуни пардохтҳо, таҳкими мавқеи воҳиди пулии миллӣ ва ҷамъоварии асъори хориҷӣ дар захираҳои давлатӣ нигаронида шудаанд. Ин чораҳо маҷмуи воситаҳои меъёриро, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои танзими равандҳои марбут ба гузаронидани амалиётҳои асъорӣ таҳия шудаанд, ифода мекунанд. Аз нигоҳи қонунгузорӣ, чунин маҳдудиятҳо ҳамчун маҷмуи амалҳои давлатӣ барои назорат бар амалиётҳо бо воситаҳои пулии хориҷӣ хосанд, ки ба устувории иқтисодӣ мусоидат мекунад ва аз ҳаракати беназорати ҷараёнҳои молиявӣ ҷилавгирӣ менамояд.

6. Арзишҳои асъорӣ мафҳуми хеле чандир аст, ки вобаста ба сиёсати иқтисодӣ ва қонунгузорӣ муайян мешавад. Ба ғайр аз тилло ё нуқра, дар амалияи ҷаҳонӣ метавонанд сангҳои қиматбаҳо, алмос, марвориди нодир ё дигар сангҳо зикр шаванд. Дар робита ба давлати мушаххас дар ҳар ҳолат муқаррароти хос муқаррар мешавад – қаблан алмосҳо дар

Тоҷикистон сарвати асъорӣ ҳисобида намешуданд, вале баъдан ба арзишҳои молӣ табдил ёфтанд. Аммо ин имкон дод, ки мониторинги гардиши шабакавӣ осонтар шавад, ки ин аз як тараф, тамоюли мақомот ба соддагардонӣ аст. Аз тарафи дигар, чунин тасмим ниёз ба мутобиқсозии қоидаҳои умумӣ ба иқтисодҳои гуногуни кишварҳо дар ҳолатҳои фавқулоддаро ба назар мегирад.

7. Бозорҳои асъорӣ – мавзуи марказии тиҷорати байналмилалӣ – роҳи тезтарин ва қулайтарин барои табдили асъор мебошанд. Илова бар ин, барои бонкҳои марказӣ ин ҳамчунин роҳи ташаккули захираҳо ва идоракунии пули миллӣ аст. Дар он тамоми рӯйхат ва иштирокчиёни бозор – биржаҳо, брокерҳо, ширкатҳои трансмиллӣ дохил мешаванд. Пардохтҳо асосан дар як асъор сурат мегиранд, аммо дар сарҳадоти кишварҳо табдил зарур аст, ки ин боиси ба миён омадани масъалаҳои марбут ба бозорҳои беруна мегардад. Маҳз ҳамин мураккабӣ нақши калидии бозорҳои асъории байналмилалиро ҳамчун воситаи татбиқи низоми тиҷоратӣ дар миқёси ҷаҳонӣ таъкид мекунад (саҳ. 11-13 диссертатсия).

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар доираи ин таҳқиқот ироа шудаанд, ба натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти ҳуқуқи соҳибкорӣ дар соҳаи масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар самти муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки рушди қонунгузории соҳибкории миллӣ ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалиро дар робита ба ин масъала мавриди таҳлили васеъ қарор додааст.

Гузаронидани таҳлили муқоисавии қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ ва кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки истифода аз таҷрибаи мусбати кишварҳои хориҷӣ метавонад барои такмил додани меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ дар самти рушди муомилоти сарватҳои асъорӣ судманд бошад.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ ва амалӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ ва бархе аз таҷрибаи судӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона навишта шудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар ин диссертатсия пешниҳодшуда аз таҳлил ва омӯзиши васеи адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёри-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи воқеии амалияи судӣ ба даст омаданд ва барои таҳкими муомилоти сарватҳои асъорӣ ва рушди қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати назаррас хоҳад кард.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 211 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима асоснокии интихоби мавзуъ шарҳ дода шуда, мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ мавҷуданд, муайян мегарданд. Маҳз ҳамин мушкилот зарурат ва аҳаммияти мавзуи мазкурро таъкид менамояд. Ҳамчунин, дар муқаддима мақсаду вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

**Боби якуми** рисолаи номзадӣ “Моҳияти сарватҳои асъорӣ ва табиати ҳуқуқии муомилоти мадании он” ном гирифта, аз ду зер боб иборат мебошад. Дар зербоби аввали боби 1-ум муаллифи асар, ҳамчун анъанаи илмӣ – моҳияти ҳуқуқии саватҳои асъорӣ ва таснифи онҳоро мавриди баррасии илмӣ қарор додааст. Мувофиқи моддаи 1-и Қонуни ҶТ “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ба гурӯҳи сарватҳои асъорӣ дохил мешаванд:

– асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд;

– пули миллӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтӣ, ки бо пули миллӣ ифода ёфтаанд, аммо танҳо дар ҳолатҳое, ки муомилот байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ё байни ғайрирезидентҳо сурат мегиранд (саҳ. 36).

Ба ақидаи унвонҷӯй сарватҳои асъории дарболозикргардида объекти ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, дорои хусусияти молумулкӣ мебошанд, ки бевосита дар ин муносибатҳои муомилоти сарватҳои асъорӣ принсипҳои муҳимми шартнома дида мешавад, ба монанди озодии ирода ва дахолат

накардани шахсони сеюм, зеро ки чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ тариқи меъёрҳои маъмурӣ низ ба танзим дароварда мешаванд.

Ба ақидаи муаллиф пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бидуни истифодаи дороиҳои муайяни моддӣ, ки унсурҳои калидии гардиши иқтисодӣ мебошанд, ғайриимкон аст. Дар доираи иқтисоди бозорӣ ҷанбаи асосие, ки қобилияти объектро барои иштирок дар раванди хоҷагидорӣ муайян мекунад, ин қобилияти он барои ҷалб шудан ба мубодила ва амалиётҳои ҳуқуқӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки дорои бояд барои иштирок дар муомилот ва дигар шаклҳои ҳамкории ҳуқуқӣ мувофиқ бошад. Бидуни ин хусусият, мол ё дорои арзиши худро барои соҳибкорӣ аз даст медиҳад, зеро нақши функсионалии он маҳдуд хоҳад шуд.

Дар зербоби 2-юми боби 1-ум "Табиати ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ" мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин зербоб таҳлили ҳамаҷонибаи танзими ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъориро байён кардааст. Муаллиф баён мекунад, ки "мафҳуми муомилоти маданӣ аҳдҳо ё дигар амалеро дар бар мегирад, ки ба таҳвили музднок ё ройгони молу мулк ё дигар объектҳо дар доираи муносибатҳои байни иштирокчиёни ҳуқуқи маданӣ бамиёномада нигаронида шудааст". Ҳамин тариқ, мафҳуми муомилоти маданиро муаллиф ба ду маъно шарҳ медиҳад: ба маънои якум муомилоти маданӣ – ҳамчун маҷмуи меъёрҳои умумӣ ва махсуси падидаҳои шартномавӣ, ки муносибатҳои муомилоти маданиро ба танзим медароранд. Ба маънои дуюм бошад ба сифати уҳдадориҳои аз кирдорҳои қонунӣ ба вуҷуд омадаанд, фаҳмида мешавад.

Муаллифи рисолаи илмӣ оид ба муомилоти сарватҳои асъорӣ ба хулосаи зерин расидааст. Муомилоти сарватҳои асъорӣ сохтори мураккаби ҳуқуқӣ аст, ки унсури асосии низоми танзими асъориро ташкил медиҳад. Он назорат бар муносибатҳои асъориро дар доираи сиёсати пулию қарзии давлатӣ таъмин мекунад. Ин раванд маҷмуи мураккаби қадамҳои ҳуқуқӣ ва амалиро ифода мекунад, ки иштирокчиёни муносибатҳои асъорӣ барои ба даст овардан, табдил ё аз даст додани ҳуқуқ ба захираҳои асъорӣ анҷом медиҳанд ва бо ин роҳ шабакаи зиндаи ҳамкориҳои молиявиро ташаккул медиҳанд. Дар доираи он, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, хоҳ сокинони маҳаллӣ бошанд ва хоҳ шарикони хориҷӣ, ҳисоббаробаркуниҳои молиявиро анҷом медиҳанд, интиқолҳои байналмилалии пулро ташкил мекунанд ва муомилот бо коғазҳои

қиматноки давлатӣ анҷом медиҳанд, ки роҳро барои фаъолияти иқтисодӣ мекушояд (саҳ.75).

**Дар боби дуюми** рисолаи номзадӣ “Асосҳо ва омилҳои муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ” мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин зербоб сарчашмаҳои муҳимми батанзимдарории соҳаи мазкурро баён кардааст. Муаллиф дар доираи ин боб ба таври муфассал ва низомнок ба таҳлили асосҳои муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ пардохтааст.

Дар зербоби аввал, таҳти унвони “Асосҳои ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ”, масъалаҳои назариявию амалии муайян кардани асосҳои ҳуқуқӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф баён мекунад, ки “асосҳои ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ – аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалии эътирофшуда иборат буда, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ ҳамчун навъи асосии онҳо дар қаламрави кишвар амал мекунанд иборат мебошад” (саҳ.82).

Ҳамчунин, муаллиф қайд мекунад, ки қонунгузории асъор низоми фарогири санадҳои меъёрии ҳуқуқиест, ки муомилоти сарватҳои асъориро танзим мекунад, дар ҳоле ки асосҳои ҳуқуқии ин муомилот маҳдудтар буда, танҳо ба меъёрҳои мустақими танзим вобастаанд. Ин низом дар Тоҷикистон мукаммал буда, аз санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ иборат аст, ки муносибатҳои асъориро бо дарназардошти асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ, субъекти ҳуқуқ ва факти ҳуқуқӣ танзим мекунад (саҳ. 82-83).

Зербахши дуюми ин боб “Омилҳои молу мулкию ҳуқуқии муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ” ном дошта дар он муаллиф ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-молумулкии муомилоти мадании арзишҳои асъориро баррасӣ мекунад ва қайд менамояд, ки ҳуқуқҳои воқеӣ пойгоҳи онро ташкил медиҳанд, зеро худи гардиш танҳо дар сурати мавҷудият ва амалисозии ҳуқуқи моликият ба сарватҳои асъорӣ имконпазир аст.

Мувофиқи қисми 2 моддаи 150-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи моликият ба арзишҳои асъорӣ, мисли ҳар намуди дигари молу мулк, дар асосҳои умумӣ ҳифз карда мешавад. Соҳибони сарватҳои асъорӣ аз имкониятҳои номаҳдуд дар истифодаи онҳо, чи аз ҷиҳати ҳаҷм, хусусият ё доираи шахсоне, ки бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд, бархӯрдоранд. Қонунгузории маданӣ фаҳмиши ягонаи ҳуқуқи истифодаи онро ташаккул додааст, ки онро ҳамчун қобилияти “Ба даст овардани афзалиятҳое аз объект, ки аҳаммияти иқтисодии онро ташкил

медиҳанд” ё ҳамчун “Имконияти бо қонун кафолатдодашудаи ба даст овардани манфиат аз объект дар ҷараёни истифодаи шахсӣ ё тиҷоратӣ” муайян мекунад. Дар заминаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва идоракунии муассир, ин ҳуқуқ амалисозии онро, аз ҷумла ба манфиати шахсони дигар ё созмонҳо, дар назар дорад. Ҳамин тавр, ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқи истифода имконияти воқеии ба даст овардани хусусиятҳои арзишманди объект аст, ки бо шароитҳои воқеӣ мустаҳкам шудааст.

Дар умум, натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар ин боб ба таври мукаммал масъалаҳои ҳуқуқи ихтиёрдории арзишҳои асъорӣ, ки метавонад тавассути шартномаҳои супориш, комиссия, шартномаҳои агентӣ ё идораи ба бовари асосёфтаи молу мулк, ки аз ҷониби вакил, комиссионер, агент ё мудири боэътимод иҷро мешаванд боз мекунанд.

**Боби сеюми** диссертатсияи мазкур таҳти унвони “**Уҳдадориҳо оид ба сарватҳои асъорӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни он**” масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба ҷанбаҳои калидии табиати ҳуқуқии уҳдадориҳое, ки нисбат ба сарватҳои асъорӣ ба миён меоянд, инчунин механизмҳое, ки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳамаи тарафҳои дар муомилоти мадании онҳо иштирокдоштаро таъмин мекунанд, ба таври муфассал таҳлил менамояд.

Дар зербоби якуми ин боб бо номи “Моҳияти уҳдадориҳо оид ба сарватҳои асъорӣ” муаллиф ба таври дақиқ масъалаҳои марбут ба табиати ҳуқуқии уҳдадориҳое, ки бо арзишҳои асъорӣ алоқамананданд, таҳлил мекунад ва қайд менамояд, ки дар қонунгузории муосири маданӣ фаҳмиши умумии уҳдадориҳо, моҳияти онҳо ва пешшартҳои бамиёномада ташаккул ёфтааст мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф қайд месозад, ки уҳдадориҳои асъорӣ дар асоси қонунҳо, созишномаҳо ё амалҳои тарафҳо ба миён меоянд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳоро ба таври возеҳ муқаррар мекунанд. Масалан, шартнома байни як таъминкунандаи тоҷик ва харидори фаронсавӣ метавонад таъминкунандаро вазифадор кунад, ки моли муайянро таъмин кунад ва харидорро – онро бо евро пардохт намояд. Дар Тоҷикистон Кодекси маданӣ имкони бастани чунин аҳдро дар асоси қонунгузории мувофиқ фароҳам меорад, ки пешгӯишавандагии муомилоти асъориро таъмин мекунад. Уҳдадориҳои асъорӣ берун аз амалиётҳои тиҷоратӣ низ вуҷуд доранд ва ба молия ё андозҳо дахл доранд. Масалан, як ширкати қазоқистонӣ, ки бо доллар кор мекунад,

вазифадор аст андозҳоро бо пули миллӣ пардохт кунад, ки ин аз ҷониби Кодекси андози ҶТ танзим мешавад. Ҳамин тавр, уҳдадориҳои асъорӣ ҳуқуқи маданиро бо дигар соҳаҳо мепайвандад ва низоми муҳимро ташкил медиҳад, ки мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Зербоби дуюми боби сеюм таҳти унвони "Ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ" низоме, ки ҳифзи боэътимоди ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тамоми шахсон ва созмонҳои иштироккунанда дар равандҳои муомилоти захираҳои асъориро кафолат медиҳад, ба таври муфассал ошкор шудааст таҳқиқ менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки ҳифзи ҳуқуқи иштирокчиёни муомилоти асъорӣ дар тартиби қатъии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад. Ин раванд ҳам воситаҳои нигоҳдории интизоми ҳуқуқиро дар сатҳи сохторҳои давлатӣ ва ҳам механизмҳоро дар бар мегирад, ки ба шаҳрвандон ва созмонҳо имкон медиҳанд ҳуқуқҳои қонунии худро ҳимоя кунанд. Хусусияти ҷолиб дар он аст, ки пойгоҳи меъёрӣ тавозунро байни ҳифзи афзалиятҳои умумидавлатӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои алоҳида таъмин мекунад, ки табиати дуҷонибаи идоракуниро дар соҳаи ҳаракати захираҳои асъорӣ инъикос менамояд асоснок карда шудааст.

Муаллиф дар натиҷаи баррасии зербоби мазкур яъне ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ чунин пешниҳодҳо манзур намудааст ба монанди:

– Эълони беэътибор будани аҳдҳои баҳсталаб ва татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии ин беэътиборӣ, ки ба бартараф кардани натиҷаҳои амалиётҳои ғайриқонунӣ нигаронида шудааст.

– Барқарорсозии вазъи ҳуқуқие, ки пеш аз вайронкунии ҳуқуқ вуҷуд дошт, бо мақсади баргардонидани ҳолати қонунии тарафҳо ба пеш аз ҳуқуқвайронкунӣ.

– Ҷуброни зарари моддӣ ва талафоти бавуҷудомада дар натиҷаи вайрон кардани уҳдадориҳо, ки ба барқарорсозии манфиатҳои молиявии ҷабрдида мусоидат мекунад.

– Баҳси санадҳои мақомоти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ, агар онҳо ҳуқуқи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқиро дар соҳаи муносибатҳои асъорӣ поймол кунанд, бо мақсади бекор кардани қарорҳои ғайриқонунӣ (саҳ. 177).

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта дар боби сеюм аз назари илмӣ ва амалӣ муҳим буда, тавсияҳои муаллиф ҷиҳати такмил

додани қонунгузории маданӣ ва мушаххас намудани масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти назаррас бархурдоранд. Пешниҳодҳои ироашуда ба ташаккули низоми самараноки қонунгузории маданӣ дар ин соҳа ва таъмини ҳифзи боэътимоди ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда мегузоранд.

Хулосаи диссертатсияи мазкур ба натиҷагирии умумӣ аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф дар доираи ин қисмати кор натиҷаҳои таҳқиқотро дар шакли 7 банди дорои аҳаммияти назариявӣ ва 2 банди ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” равонашуда ҷамъбаст кардааст.

Аз ҷумла, аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар равшан сохтани моҳияти мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқии марбут ба муомилоти сарватҳои асъорӣ зоҳир мегардад. Ин таҳқиқот аввалин кори илмии мукаммалест, ки танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъориро дар сатҳи назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданӣ баррасӣ менамояд. Бо истифода аз равишҳои муқоисавию таҳлилӣ муаллиф тавонистааст, ки камбудиҳои ҷойдошта ва нуқтаҳои баҳсталабро дар низоми танзими хуқуқии ин соҳа ошкор созад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмию амалии таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бо истифода аз равиши комплексӣ масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъориро ба таври ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои пешгузоштаро пурра иҷро кардааст. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, маданӣ ва дигар илмҳои марбут ба мавзуи мазкур заминаи боэътимоди назариявию методологӣ фароҳам меоранд.

Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки мушкилоти мавҷудаи назариявии мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқие, ки ба муомилоти сарватҳои асъорӣ алоқаманданд, равшан ва дақиқ карда шаванд. Ин таҳлилҳо ба пайдоиши тасаввуроти нав дар бораи маҷмуи василаҳои ҳуқуқӣ ва усулҳои гуногуни танзим ва мубориза бо муомилоти ғайриқонунии сарватҳои асъорӣ мусоидат намуда, барои таҳқиқоти минбаъда замина мегузоранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки татбиқи тавсияҳои муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ ва таъмин

намудани бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ ба коҳиши хароҷот ва зарарҳои молиявие мусоидат мекунад, ки дар натиҷаи амалинамоии муомилоти сарватҳои асъорӣ ба вуҷуд меоянд. Ин тадбирҳо имконияти ҳифзи муассисаҳои иқтисодиву тиҷоратиро дар муҳити рақамӣ беҳтар намуда, барои рушди иқтисодии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд. Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқоти мазкур дар баланд бардоштани сатҳи амнияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар фазои муомилотӣ зоҳир мегардад.

Бо истифода аз хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия, заминаи ҳуқуқии назорат бар равандҳои тақсимот ва истифодаи захираҳои пулӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд устувор ва фаъол такмил ёфта, ба афзоиши эътимоди шаҳрвандон ва ҷомеа ба бехатарии муомилоти сарватҳои асъорӣ мусоидат менамояд. Ин раванд дар маҷмуъ ба рушди устувори иҷтимоии ҷомеа ва таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ин таҳқиқот дорои аҳаммияти назарраси назариявӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва муомилоти сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 1 воситаи таълимӣ, 13 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд. Шумораи маводди чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ

менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбатѐ, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоӣ ва грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 150 диссертатсия менависад, ки дар адабиёт "Зери мафҳуми ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ маҷмуи чораҳое фаҳмида мешавад, ки ҳангоми поймол шудан ё баҳсталаб гардидани ҳуқуқҳои маданӣ барои барқарорсозӣ, эътирофи онҳо ва ё ҳифзи манфиатҳои қонунан муҳофизатшаванда равона гардидаанд". Пас Шумо зери мафҳуми ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муомилоти мадании сарватҳои асъорӣ чиро мефаҳмед?

2. Ҳангоми таҳлили масъалаҳо оид ба раванди милликунонии сарватҳои асъорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти гумрук бо риояи меъёрҳои Конститутсия ва Кодекси гумруки ҶТ нақши муҳим мебозанд. Мақомоти гумрук ҳамчун ниҳоди ҳифзи ҳуқуқ ба таъмини истиқлолият, амнияти иқтисодӣ, риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми интиқоли мол, воситаҳои нақлиёт ва сарватҳои асъорӣ аз сарҳади гумрукии кишвар мусоидат мекунанд. Муаллиф метавонист дар ин самт ба далелҳои бештар ва қонунгузориҳои кишварҳои гуногун такя намуда, тавсияи худро дақиқтар асоснок менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Каримзода Хуршед Сафомудин дар мавзуи «Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои асъорӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда,

муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва
иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Мирзоев П.И.**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, Саид Носир, 33
Телефон: +992 (37) 224-17-86
Факс: (37) 224-17-86
Email: info@apa.tj; mirzoev-p-87@mail.ru

Имзои Мирзоев П.И.,-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва қорҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Зоирхонзода Ф.З.**

**Суроғаи муқарриз:** 734003, ш. Душанбе, Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисто. Тел: 224-17-86, 224-83- 93 (факс), email: info@ipa.tj.

04. 08. 2025